2696/51/
3 22.02.19

Мақомоти
ҳудудии андоз

*оид ба татбиқи талаботи моддаҳои 69 ва 191*
*Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маълумоти Шумо мерасонад, ки доир ба масъалаи татбиқи муқаррароти моддаҳои 69 ва 191 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба анҷом додани ҳисоббаробаркунии маблағи қарзи андоз аз ҳисоби маблағҳои изофа пардохтшуда, вактҳои охир муроҷиатҳои андозсупорандагон ва мақомоти ҳудудии андоз ба Кумитаи андоз зиёд гардида истодааст.

Дар робита ба масъалаи мазкур чунин иттилоъ медиҳем, ки тибқи талаботи моддаи 69 Кодекси андоз ва Дастурамал «Дар бораи анҷом додани баҳисобгирӣ ё баргардони маблағҳои барзиёд пардохташудаи андоз, ҷарима ва фоизҳо», ки бо фармоиши Раиси Кумитаи андоз аз 4 декабри соли 2012, №11-Ф тасдиқ шудааст (бо Вазорати молия аз 7 декабри соли 2012, №3-12ª/2 мувофиқа шудааст), тартиби анҷом додани ҳисоббаробаркунии маблағи бақияи қарзи андозҳо аз ҳисоби маблағҳои изофа пардохтшуда мушаххас муайян гардидааст.

Аммо, бо назардошти он, ки аз ҷониби андозсупорандагон ва мақомоти ҳудудии андоз вобаста ба масъалаи мазкур муроҷиатҳо зиёд гардида истодаанд, Кумитаи андоз зарур мешуморад, ки тартиби татбиқи моддаҳои 69 ва 191 Кодекси андоз ва дастурамали номбурдаро бори дигар ба диққати Шумо расонад.

Мутобиқи талаботи моддаи 69 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Дастурамал «Дар бораи анҷом додани баҳисобгирӣ ё баргардони маблағҳои барзиёд пардохташудаи андоз, ҷарима ва фоизҳо», ки бо фармоиши Раиси Кумитаи андоз аз 4 декабри соли 2012, №11-Ф тасдиқ шудааст, тартиби анҷом додани баҳисобгирӣ ё баргардонидани маблағҳои барзиёд пардохтшудаи андоз, ҷарима ва фоизҳо муайян карда шудааст.

Тибки тартиби муқарраргардида, ба ҳисоб гирифтани маблағи барзиёд пардохтшудаи андозҳо, ҷарима ва фоизҳои андозсупоранда аз ҷониби мақомоти андозе гузаронида мешавад, ки тибқи ҳисобномаи шахсии (варақаи ҳисоббаробаркунӣ) андозсупоранда, маблағи барзиёд пардохтшуда дар он мавҷуд мебошад.

Бояд қайд намуд, ки дар ҳама ҳолат ҳангоми мавҷуд будани маблағи барзиёд пардохташудаи андоз, ҷарима ва фоизҳои андозсупоранда аз рӯи як буҷети дахлдор ва уҳдадориҳои андозӣ аз рӯи буҷети дигар (шаҳри, ҷумҳуриявӣ), мақомоти андоз барои рӯйпӯш намудани уҳдадориҳои андозии андозсупоранда аз рӯи буҷети дигар (шаҳри, ҷумҳуриявӣ) хулоса тартиб дода, ба мақомоти молия пешниҳод менамояд.

Дар навбати худ. Раёсатҳои молияи шаҳру ноҳияҳо дар асоси хулосаи мақомоти андоз дар ҳисоботҳои худ тағйиру иловаҳо ворид намуда, нусхаи тасдиқнамудаи хулосаро дар якҷоягӣ бо нусхаи супоришномаи пардохтӣ (дар сурати аз як буҷет ба буҷети дигар (ҷумҳуриявӣ, маҳалӣ ё буҷети суғуртаи иҷтимоӣ) гузаронидани маблағи андоз) ба мақомоти андоз ирсол менамояд.

Дар асоси хулосаи аз ҷониби мақомоти молия тасдиқшуда, шуъба ва бахшҳои баҳисобгирии даромадҳои нозиротҳои андоз маълумотҳоро оид ба татбиқи талаботи моддаи 69 Кодекси андоз ба ҳисобварақаҳои андозсупорандагон ворид намуда, дар баробари ин ба ҳисобот оид ба воридоти андозҳо ва пардохтҳо ба буҷет (намунаи 1-А) низ тағйироти дахлдор дохил менамоянд. Яъне, дар ҳисоботи намунаи 1А, аз рӯи намуди андозе, ки аз ҳисоби он изофапулӣ мавҷуд буд, маблағи андоз аз руи хулосаи пешниҳод шуда кам карда шуда, дар ҳаҷми ҳамин маблағ, намуди андозе, ки аз руи ин намуд бақияи қарзи андоз пӯшонида шудааст, зиёд карда мешавад.

***Мисол:*** *ҶДММ «Садбарг» аз ҳисоби андози тибқи низоми соддакардашуда ба маблағи 15000 сомонӣ изофапули дошта, аз ҳисоби андоз аз молу мулки ғайриманқул дар ҳаҷми 10000 сомонӣ қарздор мебошад. Ҳар ду маблағи андоз ба буҷети маҳалли ворид мегарданд. Дар ин ҳолат аз тарафи мақомоти андоз хулоса тартиб дода шуда, бо мақомоти молия мувофиқа карда мешавад ва дар ҳисобварақаи андозсупоранда маблағи бақияи қарзи андоз аз ҳисоби маблағи барзиёд пардохтшуда ҳисоббаробаркунӣ карда мешавад.*

Инчунин, ҳангоми ба буҷетҳои маҳаллӣ (вилоятӣ, шаҳрӣ) ва ё ҷумҳуриявӣ тааллуқ доштани маблағи изофапулӣ ва маблағи бақияи қарзи андоз, мақомоти молия вазифадор аст, ки дар асоси хулосаи мақомоти андоз ҳисоббаробаркуниро аз як буҷет ба буҷети дигар (маҳалӣ, ҷумҳуриявӣ), ба амал барорад.

*Мисол: ЧДММ «Садбарг» аз ҳисоби андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард ба маблағи 10000 сомонӣ изофапули дошта, аз ҳисоби андоз аз соҳибони воситаҳои нақлиёт ба маблағи 10000 сомонӣ қарздор мебошад. Маблағи андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард ба буҷети ҷумҳуриявӣ ворид гардидааст Дар ин ҳолат аз тарафи мақомоти андоз хулоса тартиб дода ба мақомоти молия пешниҳод карда мешавад.*

*Мақомоти молия дар асоси хулосаи мақомоти андоз тибқи супоришоти пардохтӣ маблағи 10000 сомониро аз буҷети ҷумҳуриявӣ ба буҷети маҳаллӣ ирсол менамояд. Пас аз буҷети ҷумҳуриявӣ ба буҷети маҳаллӣ ворид гардидани маблағи андоз, мақомоти андоз ҳисоббаробаркунии андозҳоро амалӣ менамояд.*

Илова бар ин, тибқи муқаррароти қисми 4 моддаи 191 Кодекси андоз маблағи барзиёд пардохтшудаи андоз аз арзиши иловашуда нисбат ба маблағи андози дар давраи ҳисоботӣ ҳисобшуда, дар навбати аввал барои 3 давраи минбаъдаи андоз гузаронида мешавад ва ба ҳисоби уҳдадориҳои оид ба андоз барои ин давраҳо ва ба ҳисоби пардохти қарздории андозсупоранда аз рӯи дигар андозҳо, аз ҷумла андоз аз арзиши иловашуда барои давраҳои пешинаи андоз гузаронида мешавад.

Баргардонидани маблағи зиёдатии андози баҳисобгирифташаванда нисбат ба маблағи ҳисобшудаи андоз дар давраи ҳисоботӣ бо дарназардошти муқаррароти моддаи 191 Кодекси андоз тибқи «Тартиби аз буҷети ҷумҳуриявӣ баргардонидани андоз аз арзиши иловашуда», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 майи соли 2005, №175, тасдиқ шудааст, амалӣ карда мешавад.

Маблағи зиёдатии андози баҳисобгирифташуда нисбат ба маблағи ҳисобкардашудаи андоз дар давраи ҳисоботӣ дар асоси ҳуҷҷатҳои зерин баргардонида мешавад:

- эъломияи андоз аз арзиши иловашуда барои давраи андоз, ки мувофиқи тартиби муқарраршуда пешниҳод шудааст;
- ҳуҷҷатҳое, ки мутобиқи моддаи 173 Кодекси андоз барои тасдиқ намудани содироти молҳо лозиманд;
- хулосаи мақомоти андоз, ки аз рӯи санади санҷиши мавзӯии андози гузаронидашуда дар хусуси тасдиқи ҳаққони будани маблағи андоз аз арзиши иловашуда, ки барои баргардонидан пешниҳод мегардад, тартиб дода шудааст.

Бо назардошти тартиби муқаррарнамудаи моддаҳои 69 ва 191 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин Дастурамал «Дар бораи анҷом додани баҳисобгирӣ ё баргардони маблағҳои барзиёд пардохташудаи андоз, ҷарима ва фоизҳо», ки бо фармоиши Раиси Кумитаи андоз аз 4 декабри соли 2012, №11-Ф тасдиқ шудааст, бо мақсади пешгирии муроҷиатҳои сершумори андозсупорандагон, халалдор насохтани фаъолияти субъектҳои хоҷагидор ва аз байн бурдани гуногунфаҳмиҳо, мақомоти ҳудудии андозро вазифадор

менамоем, ки дар фаъолияти кории худ ҳолатҳои дар боло қайднамударо ба инобат гирифта, бо риояи қонунгузории андоз дар доираи ваколатҳои худ тибқи дастури мазкур амал намоянд.

Дар сурати идома ёфтани мурочиатҳои андозсупорандагон ба Кумитаи андоз, нисбати шахсони масъули мақомоти ҳудудии андоз, ки вобаста ба масъалаи мазкур бемасъулияти ва хунукназарӣ зоҳир менамоянд, чораҳои қатъии интизоми андешида мешавад.

Раис Н.Давлатзода